***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон дар мавзуи «Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик)***

Мавзуи диссертатсия «Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» дар адабиётшиносии тоҷик дорои аҳаммият буда, таҳлил ва арзёбии ашъори Низом Қосимро дар давраи муҳимми тақдирсози миллати тоҷик – Истиқлоли кишвар, мушкилоти давраи гузариш, ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарорсозии умури давлатию сиёсӣ ва иҷтимоӣ, пайдоиш ва ташаккули мавзую мундариҷа ва сохтори нави шеърро фаро мегирад.

Диссертант дар асоси вазифаҳои ба миён гузоштешуда ва нуктаҳои асосии пешниҳодшаванда, илова бар муқаддима, хулосаю рӯйхати адабиёт, масоили меҳвариро дар се боб ва нуҳ фасл баррасӣ намуда, натиҷаи ҷустуҷӯ ва пажӯҳишашро бо мундариҷаи илмии мувофиқ манзур сохтааст. Аз мутолиаи автореферати диссертатсия ва муқоисаи шаклу мундариҷаи он маълум мешавад, ки диссертант ба мавзуъ ворид аст, талаботи кори таҳқиқӣ – замина, сабабҳо, сарчашмаҳои ба вуҷуд омадани ашъори ватандӯстона, иҷтимоӣ ва шаклу падидаҳои нави шеъри тоҷикиро дар даҳсолаҳои охири даврони шуравӣ ва солҳои аввали Истиқлоли кишвар дар ашъори Низом Қосим хуб медонад, аз таҳлили мавзую мундариҷа ва сохтори нави шеър огоҳӣ дорад, назарияи назмшиносиро бар асоси нишондоди сарчашмаҳои илмии ин соҳаи адабиётшиносӣ дар амал татбиқ карда метавонад.

Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки муқаддимаи диссертатсия тибқи талабот шакл гирифта, дар ҳар бахш матолиби лозим аз рӯйи меъёрҳои мавҷуда дарҷ шудаанд. Масалан, бахши «Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда» дар 8 номгӯ ба қалам омада, ҳамаи онҳо масоилу мабоҳиси марбут ба мавзуи диссертатсия мебошанд.

Боби аввал, ки «Ҷойгоҳи шоир дар адабиёти даврони Истиқлол» аз ду фасл иборат буда, дар онҳо мухтасари ҳасби ҳол ва шарҳи осори Низом Қосим, мақоми эҷодии шоир дар ҷомеа, арзёбии назар ва корбурди мавзуъҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таърихӣ дар шеъри ӯ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар фасли дуюми боби авал «Мухтасари рӯзгор ва шарҳи осори Низом Қосим» мухтасари тарҷумаи ҳол ва роҳи

эҷодии шоирро баррасӣ намудааст. Дар фасли мазкур диссертант эҷодиёти шоирро аз ҷиҳати мавзую мундариҷа таснифбандӣ намудааст.

Фасли дувуми боби аввал – «Назари муҳаққиқон ва ҳамкасбон ба мақоми эҷодии шоир» ба арзёбӣ ва баҳои пажӯҳишгарон ва донандагони шеър ба ашъори Низом Қосим бахшида шудааст. Аз тарафи муҳаққиқ Юсуф Акбарзода баррасӣ шудани мазмуну мундариҷа ва навовариҳои шеър, аҳаммияти сиёсӣ ва иҷтимоии ашъори ватандӯстонаи Низом Қосимро диссертант ёдовар шуда, фаъолияти эҷодии шоирро дар як давраи муайян арзёбӣ намудааст.

Дар боби дувуми таҳқиқ – «Мазмун ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» масъалаҳои мушкилоти ҷомеа ва назари интиқодии шоир ба онҳо, мавқеи Ватан ва тарғиби ватандӯстӣ дар осори Низом Қосим, аз ҷумла таранннуми Ватан ва ватандӯстӣ, истиқлоли давлатӣ, ваҳдати миллӣ, парчами давлатӣ, забони давлатӣ, нақши шоир дар офариниши образи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва симоҳои барҷастаи халқи тоҷик таҳлилу таҳқиқ шудааст.

Фасли аввали боби дувум – «Корбурди мавзуъҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таърихӣ дар шеъри шоир» ба таҳқиқи масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ дар ашъори Низом Қосим бахшида шуда, дар эҷодиёти шоир инъикоси воқеоти муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ашъори дорои ангезаи сиёсӣ ва сабабҳои ба мавзуъҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ рӯй овардани ӯ таҳқиқ шудааст.

Дар фасли дувуми боби дуюм – «Баррасии мушкилоти ҷомеа ва назари интиқодӣ ба онҳо» асосан фаъолияти эҷодии Низом Қосим дар замони бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ, бесуботиву ноамнии ҷомеа, ҷанги шаҳрвандӣ таҳлил гаштааст. Дар фасли мазкур инъикоси бадеии воқеоти муҳимми зиндагӣ дар ашъори Низом Қосим ва таҳлили силсилаи шеърҳои шоир таҳқиқ шудааст.

Дар фасли сеюми боби дувум – «Тарғиби ватандӯстӣ ва эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ» ба мавзуъҳои таблиғи ғояҳои Истиқлоли миллӣ, Ваҳдати миллӣ, таҳкими суботи сиёсӣ, инъикоси воқеии зиндагии мардум ва рушди рӯзафзуни Тоҷикистон дар ашъори Низом Қосим таваҷҷуҳ шуда, шоир чун яке аз саромадон ва устодони ашъори ватандӯстии давраи Истиқлоли давлатӣ шинохта шудааст.

Дар фасли чоруми боби дуюм – «Образи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва симоҳои барҷастаи халқи тоҷик» ба тасвири образи шахсияти нотакрор ва корномаҳои мондагори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон ва симоҳои дигари барҷастаи халқ бахшида шудааст. Ба андешаи диссертант Низом Қосим дар офариниши симои бадеии Пешвои миллат ба дастоварди намоён ноил гаштааст.

Боби сеюми таҳқиқ – «Навпардозӣ дар заминаи ашъори сиёсию иҷтимоӣ» ба пажӯҳиши махсусиятҳои осори шоир, жанр ва сохтори ашъори ӯ, таҷрибаи Низом Қосим дар эҷоди манзума, баллада, либретто ва драмаҳои манзум бахшида шудааст.

Фасли аввали боби сеюм – «Жанр ва сохтори ашъори шоир» ба шакл ва мавзуоти шеърҳои шоир иртиботманд буда, дар он собит гардида, ки лирика пас аз ашъори иҷтимоӣ дар осори Низом Қосим ҷойи дувумро ишғол мекунад.

Дар фасли дуюм – «Вижагиҳои ҳунарии шеъри сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» махсусиятҳои ашъори Низом Қосим, ҳунари офарандагӣ, навоварӣ, истифодаи санъатҳои сухан дар ашъори ӯ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Фасли боби сеюм – «Навпардозиҳо дар эҷоди манзума, баллада, либретто ва драмаҳои манзум» шаклҳои калони шеърии Низом Қосим, ки анвои назарраси чунин ашъорро эҷод намудааст, таҳлилу таҳқиқ шудааст. Манзума, баллада, либретто, драмаҳои манзуми шоирро диссертант дар ин фасл баррасӣ намуда, хусуситяҳои ҳар якеро дар ашъори шоир ба таври ҷудогона арзёбӣ намудааст.

Хулосаи автореферати диссертатсия аз 11 банд иборат буда, дар ҳар як банд муҳтавои асосии фаслҳои се боб дар шакли натиҷагириҳои дилхоҳ оварда шудааст. Аз банди 1 то банди 4 асосан мавзую мундариҷа ба қисматҳо ҷудо кардани он, дар экодиёти шоир ҷойи аввал ишӯгол кардани тараннуми Ватан ва ватандӯстӣ, тасвири ҳаёти сиёсӣ ва мушкилоти ҷомеа, дар адабиёти имрӯзаи тоҷик махсусияти ашъори Низом Қосим – тараннуми Ватан ва ватандӯстӣ, ғалабаи ростӣ, ҳақиқат ва адолат, мавзуи асосии ашъори шоир – инъикоси масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихь ва  мащрати истифода бурдани санъатҳои такрор, ташбеҳ, қиёс ва ғайраро дар бар мегирад. Бандҳои 5 ва 11 мавқеи мадҳ ва ситоиши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ашъори Низом Қосим, ашъори ба қаҳрамонон ва бузургони миллат, ашхоси алоҳида, ҳамкасбон ва наздикон бахшидаи шоир, ашъори иртиботманд ба мушкилоти ҷомеа бахшидашуда ва махсусияти асосии ашъори Низом Қосим гуфта шудааст.

Барои таҷдиди назар ва такмили баъзе нукоти кори таҳқиқӣ ба инобат гирифтани пешниҳодҳои зерин ба манфиати кор мебошад:

1.Вазифаҳое, ки диссертант дар ҳадафи таҳқиқ дар арзёбии аҳаммияти ашъори Низом Қосим овардааст, каме маҳдудтар ба назар мерасад. Гарчанде ки доираи таҳлилу таҳқиқи муҳаққиқ дар асл васеътар мебошад.

2. Дар боби дувум, фасли аввали боби дувум ва дар дигар бобҳо дар таҳлилу таҳқиқ ва арзёбии ашъори Низом Қосим дар фишурда порчаҳои шеърӣ барои тақвияти фикр ба назар нарасид.

Албатта, ин гуна ғалатҳо хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқиро таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон дар мавзуи «Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик).

**Муқарриз:**

номзади илмҳои филологӣ,
ходими пешбари шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Ҳошимова Х.А.

«03» феврали соли 2025.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Сино, кӯч. Шерализода 6, ҳ.54
Тел.: (+992) 012-19-63-63
E-mail: hurshedah@mail.ru.

Имзои Ҳошимова Хуршеда Абдуманоновнаро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳои Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Ҳ. Нарзиқулова

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21.
Тел.: +992 (93) 760-22-33
E-mail: izarudaki17@ mail.ru

«03» феврали соли 2025.